**Конференсияи байниминтақавӣ таҳти унвони “Рушди минтақаҳо ва таҳкими дӯстии халқҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон” рӯзҳои 18-20 октябри соли 2018, дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд**

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкории байниминтақавӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2018, №200 тасдиқ гардидааст, конференсияи байниминтақавӣ таҳти унвони “Рушди минтақаҳо ва таҳкими дӯстии халқҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон” рӯзҳои 18-20 октябри соли 2018, дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд бо иштироки мутахассисони соҳаҳои иқтисод ва савдо, сармоягузорӣ, саноат, сайёҳӣ, фарҳанг, ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила ва намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои наздисарҳадӣ баргузор намуд.



Ҳайати меҳмонони кишвари ҳамсояро муовини Вазири иқтисоди Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ниёзматов Баҳром Бахтиёрович роҳбарӣ намуда, мутахассисони иқтисод ва савдо, фарҳанг, сармоягузорӣ, занон, ҷавонон, сайёҳӣ ва шаҳру ноҳияҳои наздисарҳадӣ ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар конференсия фаъолона иштирок намуданд.

Конференсияро Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосим Роҳбар ифтитоҳ намуда, иштирокчиёнро бо ҳадаф ва мақсади баргузории чорабинӣ шинос намуд.

Конференсия ба 3 сексия дар мавзӯҳои зерин ҷудо гардид, аз ҷумла:

- “Қонунгузорӣ оид ба мақомоти худидоракунӣ ва саҳми он дар таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ”;
- “Ҷорӣ намудани ҳамкориҳои байнимитақавӣ дар бахшҳои сармоягузорӣ, тиҷорат, саноат, муаррифии имкониятҳои сармоягузории тарафайн ва минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар, инчунин муҳокимаи мавзӯи ифтитоҳи бозорҳои наздисарҳадӣ дар минтақаҳои ҳаммарзи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон”;
- “Рушди ҳамкориҳои байниминтақавӣ дар бахшҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”.

Дар кори сексияҳо намояндагони вазоратҳои адлия, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, фарҳанг, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи рушди сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷониби Ӯзбекистон фаъолона иштирок доштанд.



Дар ҷамъбаст иштирокчиёни конференсия ба муҳокимаи масъалаҳо гузашта, резолютсия оид ба коференсия таҳти унвони “Рушди минтақаҳо ва таҳкими дӯстии халқҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон” қабул намуданд.

Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосим Роҳбар ба иштирокчиёни конференсия аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдорӣ баён намуда, комёбӣ ва бурдбориро таманно намуд.

Конференсия дар пайгирии сиёсати некбинонаи сарони ду кишвари ба ҳам дӯсту бародар, дар фазои якдиливу созандагӣ бо баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ доир гардида, ташкил намудани чунин чорабиниҳо дар таҳкими пояҳои дӯстӣ, мубодилаи афкор, таҷриба ва ҳамкории тарафайн ҷиҳати рушди минтақаҳо нақши муҳим мебозад.

